Силсила: Моликияти
зеҳнӣ барои соҳибкорӣ | Рақам: 2









# Саъю кӯшиш ба камолот

Муқаддима ба мавзӯъи «Намунаҳои саноатӣ барои муассисаҳои хурд ва миёна»

ММПИ

Нашр дар силсилаи «Моликияти зеҳнӣ барои тиҷорат»:

1. Эҷоди (офаридани) нишон: Муқаддима ба мавзӯи «Тамғаҳои молӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 900.

2. Кушиш ба камолот: Муқаддима ба мавзӯи «Намунаҳои саноатӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 498.

3. Ояндаро ихтироъ намуда: Муқаддима ба мавзӯи «Патентҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 917.

4. Ибораи эҷодкунанда: Муқаддима ба мавзӯи «Ҳуқуқи муаллифӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 918.

Ҳамаи нашрияҳо дар мағозаи китоби электронии СУМЗ дар сайти: www.wipo.int/ebookshop мавҷуданд.

**Эзоҳ:** Иттилооте, ки дар дастурамали мазкур вуҷуд дорад, мақсади ба даст овардани маслиҳатҳои ҳуқуқии касбиро надорад. Мақсади асосии он бо пешниҳоди иттилооти хусусияташон умумӣ маҳдуд карда мешавад.

Ин китобча бо иҷозати пешакии расмии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ), дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба матни аслии англисӣ, ки дар сомонаи **www.wipo.int/sme/en/documents/guides./** дастрас аст, мувофиқ ва интишор шудааст.

Бинобар ин СУМЗ барои дақиқ ва дурустии матни мувофиқшуда ҷавобгар нест, чунки ин ҷавобгарӣ бар дӯши Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

www.wipo.int/sme/

**©ММПИ (с.2011)**
СУМЗ дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба тафсири англисизабонии аслӣ (с.2006) мебошад.

Ягон қисме аз нашрияи мазкур наметавонад интишор гардад ва ё бо ягон шакле ва ё бо ягон воситаи электронӣ ва ё механикӣ бидуни иҷозати хаттии дорандаи ҳуқуқи муаллиф вогузор карда шавад, ғайр

# Пешгуфтор

Ин дуюмин аз силсилаи дастурҳо оид ба мавзӯъи «Моликияти зеҳнӣ барои корчаллонӣ (соҳибкорӣ)». Диққати он ба намунаҳои саноатӣ, ки ҳангоми муайянкунии пешрафти маҳсулот дар бозор яке аз омилҳои муҳим мебошад, ҷалб карда шудааст.

Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ намунаи саноатиро ба ҷиҳати эстетикӣ (зебоипарастӣ) ё намуди зоҳирии маҳсулот мансуб медиҳад. Маҳз он маҳсулотро барои истеъмолкунандагон ҷолиб ва ҳавасангез менамояд, ва ҷолибияти зоҳирӣ яке аз  андешаҳои муҳиме мебошад, ки ба хулосабарории  истеъмолкунандагон дар беҳтар донистани маҳз ҳамин, на дигар маҳсулот, таъсир мерасонад. Намунаҳои саноатӣ ба ширкатҳо дар фарққунонии маҳсулоти онҳо аз маҳсулоти рақибон ва устуворкунии имиҷи ширкатии маҳсулоти худ ёрӣ мерасонанд. Маҳз барои ҳамин таъмини ҳифзи муносиби намунаҳои саноатӣ ин қадар муҳим аст.

Дастури мазкур муқаддима ба мавзӯъи ҳифзи намунаҳои саноатӣ барои муассисаҳои хурд ва миёна (МХМ) мебошад ва дорои саволу ҷавобҳо, мисолҳо ва тасвирҳои (расмҳои) намунаҳои саноатии ҳифзшаванда  аст.

Вариантҳои ин Дастур, ки барои татбиқ дар ҳар гуна мамлакатҳо мувофиқ карда шудаанд, метавонанд дар ҳамкорӣ бо муассисаҳо ва ташкилотҳои миллӣ, ки бояд барои гирифтани тавсияҳо доир ба ин мувофиққунонӣ ба СУМЗ муроҷиат намоянд, кор карда баромада шаванд,  .

## Мундарича

ах.

1.Намунаҳои саноатӣ 3

2.Ҳифзи намунаҳои саноатӣ 6

3.Ҳифзи намунаҳо дар хориҷа 16

4.Ҳимояи ҳуқуқҳо ба намунаҳои саноатӣ 18

5.Дигар воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи намунаҳои саноатӣ 19

www.wipo.int/sme/

# 1. Намунаҳои саноатӣ

## Намунаи саноатӣ чист?

Дар ҳаёти ҳаррӯза намунаи саноатӣ одатан намуди зоҳирии маҳсулотро дар бутунӣ ва функсияи онро мефаҳмонад. Дар бораи курсии паҳлудор (кресло) мегӯянд, ки вай «дорои дизайни хуби саноатӣ» мебошад, агар нишастан дар он қулай ва намуди он ба мо маъқул аст. Барои корчаллонӣ коркардабарои маснуоти нав одатан коркардабарои хусусиятҳои функсионалӣ ва эстетикии он мебошад, бо назардошти чунин ҷиҳатҳо (аспектҳо), ба монанди фурӯхташавии он дар бозор, арзиши истеҳсолкунӣ ё осонии ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ, таъмир ва истифодаи партови он.

Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, намунаи саноатӣ танҳо ба ҷиҳатҳои ороишӣ ё эстетикии маснуот дахл дорад. Бо суханҳои дигар вай танҳо ба намуди зоҳирии курсии паҳлудор дахл дорад. Бар хилофи ҷиҳатҳои (аспектҳои) техникӣ ё функсионалии дилхоҳ, бо вуҷуди он, ки дизайни маснут хусусиятҳои техникӣ ё функсионалӣ дошта метавонад, намунаи саноатӣ, ҳамчун категорияи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, танҳо ба характери эстетикии маснуоти ниҳоятӣ дахл дорад.

Намунаи саноатӣ барои интихоби (ассортименти) васеи маҳсулоти истеҳсолоти саноатӣ ё дастӣ-ҳунармандӣ ва саноати мӯд: аз таҷҳизоти техникӣ ва тиббӣ сар карда то соат, ҷавоҳирот ва дигар предметҳои ҳашамат; аз асбобу анҷоми ошхона, бозичаҳо, мебел ва асбобҳои барқии маишӣ то воситаҳои нақлиёт ва иншоотҳои меъморӣ; аз расмҳои болои матоъ то лавозимоти варзишӣ муҳим аст. Намунаи саноатӣ инчунин барои борбандӣ, ғунҷоишҳо ва «ороиши» зоҳирии маҳсулот муҳим аст.

Одатан, намунаи саноатӣ аз:

- қисматҳои ҳаҷмӣ, ба монанди шакли маснуот,
- қисматҳои сатҳӣ, ба монанди нақшу нигор, расм, тарҳ, хатҳо ва ранги маснуот; ё
- пайвастакунонии як ё якчанд чунин қисмат иборат аст.

Мисоли намунаи ҳаҷмдор:



Чоп шудааст бо иҷозати: Villeroy & Boch A.G

Мисоли намунаи сатҳӣ:



## Коркардабароиҳои тарроҳӣ (дизайнерӣ) дар корчаллонӣ

Барои ба маҳсулоти худ додани ҷолибияти бадеии зиёдтар, ширкатҳо зуд-зуд вақт ва захираҳои хеле калонро сарф мекунанд. Намунаҳои нав ва аслӣ бисёр вақт офарида мешаванд барои :

1. **Мувофиқати маҳсулот ба талаботҳои сегментҳои гуногуни бозор:** тағиротҳои на он қадар калони дизайни баъзе молҳо (масалан, соат) метавонанд онҳоро барои ҳар гуна гурӯҳҳои синусолӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муносиб кунанд. Бо вуҷуди он, ки функсияи соат ҳамон хел мемонад, аз нуқтаи назари дизайн кӯдакон ва калонсолон одатан табъи гуногун доранд.
2. **Офаридани ҷои нав дар бозор:** дар шароити бозори рақобат бисёрии ширкатҳо коркардабароиҳои дизайнерии маҳсулоти худро бо мақсади аз маҳсулоти рақибон ҷудо шуда истодан ва фарқ кардан, пешниҳод намуда, кӯшиш мекунанд, ки дар бозор ҷои худашонро ёбанд. Сухан, ҳам дар бораи чунин маҳсулоти оддӣ, ба монанди кулфҳо, пойафзол, косаҳо ва табақчаҳо метавонад равад, ва ҳам дар бораи чунин предметҳои қиматбаҳо ба монанди ҷавоҳирот, компютерҳо ва автомобилҳо.
3. **Мустаҳкамкунии мавқеи брендҳо:** бисёр вақт барои бардоштани қимати бренди ширкат, коркардаба-роиҳо бо намунаҳои саноатӣ мувофиқ кунонида мешаванд. Бисёр ширкатҳо бо мақсади ивaз намудани имиҷи худ, ба дизайни маҳсулот аҳамияти махсус дода, бомуваффақият ребрендинг офариданд ё гузарониданд.

## Барои чи намунаи саноатиро ҳифз намудан зарур аст??

Намунаи саноатӣ ба маҳсулот арзиши изофа медиҳад. Барои истеъмолкунандагон маҳсулотро ҷолиб гардонида, вай ҳатто метавонад хусусияти беҳамтои болоравии ҳаҷми фурӯши он бошад. Ҳамин тариқ, ҳифзи намунаҳои саноатии қиматбаҳо бояд қисми муҳими стратегияи кории тарроҳ (дизайнер) ё ширкат-истеҳсолкунандаи дилхоҳ шавад.

Ҳангоми ҳифзи намунаи саноатӣ бо роҳи қайднамоӣ дар идораи миллӣ ё минтақавии моликияти зеҳнӣ, дорандаи он дорои ҳуқуқи истисноии монеъ шудан ба нусхабардории беиҷозат ё тақлид аз тарафи шахсони дигар мегардад. Ин маънои калони амалӣ дорад, зеро қобилияти рақибияти корчаллониро зиёд мегардонад ва, дар бисёр мавридҳо, ворид шудани даромадҳои иловагиро аз ҳисоби як ё якчанд омил таъмин менамояд:



Чоп шудааст бо иҷозати: Victorinox Ltd.

- Намунаи саноатиро ба қайд гирифта, шумо метавонед ба нусхабардорӣ ё тақлидкории он бо рақибон монеъ шуда бо ҳамин қобилияти рақибияти корчаллонии худро мустаҳкам намоед.
- Бақайдгирии намунаи саноатии қиматбаҳо барои гирифтани даромади ҳаққонӣ аз маблағгузорӣ барои офариниш ва маркетинги маҳсулоти дахлдор мусоидат менамояд ва бо ҳамин даромадҳои шуморо зиёд мекунад.
- Намунаҳои саноатӣ - ин комёбиҳои амалӣ, ки метавонанд аҳамияти тиҷоратии ширкат ва маҳсулоти онро зиёд кунанд. Чӣ қадаре, ки намунаи саноатӣ бобарор бошад, ҳамон қадар аҳамияти он барои ширкат зиёд мешавад.
- Намунаи ҳифзшаванда инчунин метавонад барои шахсони дигар бо гирифтани подоши муайян литсензия карда (ё фурӯхта) шавад. Литсензияро ба ин гуна намунаи саноатӣ дода истода, шумо метавонед ба бозорҳои дар ҳолати дигар барои шумо дастнорас бароед.
- Бақайдгирии намунаҳои саноатӣ рақибияти бовиҷдонона ва савдои боинсофонаро рағбатнок мегардонад, ки ин дар навбати худ истеҳсолоти интихоби (ассортименти) васеи маҳсулоти аз ҷиҳати эстетикӣ ҷалбкунандаро ҳавасманд мегардонад.

Сабабҳои ҳифзи намунаҳо дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо




Манбаъ: OHIM, Prospective Study about the Design Registration Demand at a European Union Level (2002). (image a detourer)

## Доир ба намунаи саноатӣ равшанӣ меандозем

Бо вуҷуди он, ки одатан элементҳои функсионалии чароғ дар ҳар гуна намуди маҳсулот на он қадар фарқ мекунанд, намуди зоҳирии он яке аз элементҳои муҳим мебошад, ки тақдири тиҷоратии онро муайян менамояд. Маҳз барои ҳамин феҳристи намунаҳои саноатӣ дар бисёр мамлакатҳо номгӯи дарози тарҳҳои чунин маснуоти асбобу анҷоми рӯзғор ба монанди чароғро дорад.



Чоп шудааст бо иҷозати: Nemo S.p.A.

www.wipo.int/sme/

# 2.Ҳифозати намунаҳои саноатӣ

## Ба даст овардани ҳифозати намунаҳои саноатӣ чи гуна аст?

Дар бисёр мамлакатҳо, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дар мувофиқат бо қонунгузорӣ дар бораи намунаҳои саноатӣ гирифтани ҳифозати намунаи саноатӣ, онро ба қайд гирифтан лозим аст.

Ҳамзамон, дар мувофиқат бо қонунгузории Тоҷикистон, ба намунаи саноатии ба қайд гирифташуда патент, ки аввалияти намунаи саноатӣ, муаллифӣ ва ҳуқуқи истисноии дорандаи патентро ба намунаи саноатӣ тасдиқ мекунад, дода мешавад. Барои бақайдгирии намунаи саноатӣ, шумо бояд арзномаро ба идораи миллии моликияти зеҳнии мамлакате, ки дар он ҳифозатро гирифтан мехоҳед, супоред (рӯйхати веб-сомонаҳои МЗ дар Замимаи I оварда шудааст). Иттилоотро доир ба гирифтани ҳифозат дар мамлакатҳои хориҷӣ ниг. дар Фасли 3.

Алоҳида қайд намудан лозим аст, ки баъзе мамлакатҳо ё минтақаҳои иқтисодӣ, ба монанди Иттиҳоди Аврупо, ки дар он ҷо ба наздикӣ қонунгузории нав қабул гардид, ба намунаҳои саноатии ба қайд гирифта нашуда низ имконияти гирифтани ҳифозати маҳдуди дар давоми се сол аз санаи дар Иттиҳоди Аврупо нашр гардидани иттилоот дар бораи намунаи саноатӣ амалкунанда, дода шуд.

Пеш аз сарфкунии вақт ва маблағ барои бақайдгирии ҳамаи намунаҳои мавҷудбуда, ки бисёри онҳо мумкин талабот ва тақдири тиҷоратӣ пайдо накунанд, намунаи саноатии ба қайд гирифта нашуда ба ширкатҳо имконияти дар бозор пешакӣ санҷидани маҳсулоти худро медиҳад. Баъзе намунаҳои саноатӣ дар бозор тамоман кам «умр мебинанд», хусусан дар соҳаи предметҳои мӯд. Барои ин гуна маҳсулот намунаи ба қайд гирифтанашуда интихоби (алтернативаи) хуб мебошад. Аммо тарроҳон баъд аз истеҳсол намудани маҳсулот дар ихтиёри худ мӯҳлати то як солро доранд, ки бақайдгириро амалӣ намоянд. Дар муқоиса бо намунаи ба қайд гирифташуда, ҳифозате, ки ба намунаи саноатии ба қайд гирифтанашуда дода мешавад, бекувваттар аст, ин гуна ҳуқуқҳоро муҳофизат кардан душвортар аст, ва мӯҳлати амали ҳифозат камтар аст, ки се солро, назар ба 25 соле, ки дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо барои намунаҳои ба қайд гирифташуда пешбинӣ шудааст, ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он, ки дар дастури мазкур диққати асосӣ ба намунаҳои саноатии ба қайд гирифташуда ҷалб шудааст, қайд кардан зарур аст, ки дар баъзе мамлакатҳо барои гирифтани ҳифозати намунаҳои саноатӣ роҳҳои алтернативӣ буда метавонанд:

- Вобаста аз қонунгузории миллии мамлакатҳо ва намуди намунаи саноатӣ, яке аз чунин алтернативаҳо ҳифозат ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллиф дар асоси низомномаҳои қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф мебошад. Одатан ҳуқуқи муаллиф ҳуқуқҳои истисноиро ба асарҳои адабӣ ва бадеӣ медиҳад. Азбаски баъзе намунаҳои саноатӣ дар мамлакатҳои ҷудогона метавонанд ҳамчун асарҳои санъат ё санъати амалӣ дида баромада шаванд, барои ҳифозати онҳо метавонад ҳифозати муаллифӣ-ҳуқуқӣ татбиқ карда шавад, ки худ варианти ҷолиб барои МХМ аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна намунаҳои саноатӣ инчунин метавонанд дар доираи ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда шаванд.
- Ғайр аз ин, дар баъзе мамлакатҳо, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, намунаи саноатӣ, ки ҳангоми фурӯш функсияҳои нишони молиро иҷро мекунад, метавонад ҳамчун нишони молии ҳаҷмӣ ҳифз карда шавад. Ин дар он ҳолат шуда метавонад, ки шакл ё борбандии молҳо дорои қобилияти фарқкунонӣ бошанд.
- Дар баъзе мамлакатҳо қонунҳо дар бораи рақибияти бевиҷдонона инчунин метавонанд намунаи саноатии ширкатро аз тақлидкории он бо рақибон ҳифз намоянд.

Барои гирифтани иттилооти муфассалтар дар бораи ҳифозати намунаи саноатӣ бо ёрии қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқи муаллиф, нишонҳои молӣ ё рақибияти бевиҷдонона ниг. Фасли 5.

## Ҳифозати намунаи саноатӣ чи гуна ҳуқуқҳоро медиҳад?

Агар намунаи саноатӣ бо роҳи гузаронидани бақайдгирӣ ҳифз карда шавад, доранда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ба нусхабардорӣ ё тақлидкории беиҷозати намунаи саноатӣ бо шахсони сеюм монеъ шавад. Ба ин ҳуқуқи ба ҳамаи шахсони дигар манъ намудани истеҳсол, ба фурӯш баровардан, намудани воридоту содирот ё фурӯхтани маснуоти дилхоҳ, ки дар он намунаи саноатӣ ҳаст ё ки ба он татбиқшаванда аст, дохил мешавад.Қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳар як мамлакат ё минтақа ҳаҷми ҳифозати намунаи ба қайд гирифташударо муайян менамояд.

## Чиро ҳамчун намунаи саноатӣ ба қайд гирифтан мумкин аст?

Одатан, барои ба қайд гирифта шудан, намуна, вобаста аз қонунгузории мамлакат, бояд як ё якчанд талаботҳои асосии зеринро қонеъ гардонад:

## Ҳуқуқҳои истисноӣ

Фарз кардем, ширкати шумо дизайни чатрро бо истифодаи ҳалҳои инноватсионӣ кор карда баромад, онро дар идораи миллии моликияти зеҳнӣ ҳамчун намунаи саноатӣ ба қайд гирифт ва дар натиҷа дорои ҳуқуқҳои истисноӣ ба чунин чатрҳо гашт. Ин маънои онро дорад, ки агар шумо ошкор созед, ки рақибатон чатрҳои ҳамин намуд ё намуди шабеҳро истеҳсол менамояд, мефурӯшад ё воридот мекунад, шумо метавонед истифодабарии намунаи саноатиатонро ба вай манъ кунед ва барои зарари ба корчаллонии шумо бо чунин амалиётҳои ғайриқонунӣ расонидашуда ҷуброн гиред.

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди он, ки ба ягон кас дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатӣ халал расонидан мумкин нест, шумо ба истеҳсоли молҳои намуди зоҳириашон ба намунаи саноатии шумо монанд мамониат намуда, бо ҳамин тариқ, метавонед пеши роҳи истифодабарии ғайриқонунии натиҷаҳои эҷодиёти худро гиред. Шумо метавонед барои гирифтани иттилооти муфассалтар дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳоятон, аз ҳуқуқшиносе, ки дар соҳаи моликияти зеҳнӣ (МЗ) тахассус дорад, маслиҳат пурсед.



- Намуна бояд дорои «навӣ» бошад. Ба ҳисоб меравад, ки намуна дорои навӣ аст, агар то санаи супориш ё қабули арзнома барои бақайдгирӣ ба мардум намунаи саноатии комилан мусовӣ пешниҳод нашудааст
- Намуна бояд дорои «аслият» бошад. Вай аслӣ ҳисобида мешавад, агар мустақил бо тарроҳ (дизайнер) офарида шуда бошад ва нусха ё тақлидкории намунаҳои саноатии аллакай мавҷудбуда набошад.
- Намуна бояд дорои «фардият» бошад. Ин талабот иҷрошуда ба ҳисоб меравад, агар таассуроти умумии аз намунаи саноатӣ бо истеъмолкунандаи маълумотдошта гирифташуда аз таассуроти умумие, ки ӯ пештар аз намунаи саноатии дилхоҳи маълум гирифта буд, фарқ кунад. Нисбат ба патентпазирии намунаи саноатӣ Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин талаботро надорад.

Анъанавӣ (одатан), намунаҳои ҳифзшаванда ба чунин маҳсулот ба монанди шакли туфлӣ, ҳалқаҳо ё накши (орнаменти) чойник тааллуқ доранд. Аммо дар муҳити рақамӣ дар баъзе мамлакатҳо ин гуна ҳифозат тадриҷан ба як қатор молҳо ва намудҳои дигари намунаҳои саноатӣ паҳн шуда истодааст. Ин, мисол, «иконкаҳо» дар экрани мониторҳои компютерҳо, ки бо кодҳои компютерӣ офарида шудаанд, ҳуруфҳо, тасвири графикӣ дар ин мониторҳо, ва телефонҳои мобилӣ ва ғ.

## Кадом объектҳо наметавонанд ба сифати намунаи саноатӣ ҳифз карда шаванд?

Намунаҳое, ки дар бисёр мамлакатҳо ба қайд гирифта намешаванд, инҳоанд:

- Намунаҳое, ки ба талаботҳои навӣ, аслият ва/ё фардият ҷавобгӯ нестанд (чи тавре, ки дар боло маънидод шуда буд).
- Намунаҳое, ки тавсифҳои онҳо танҳо бо функсияи техникии маҳсулот алоқаманданд. Вобаста аз хусусиятҳои ҳар як мавриди алоҳида, ин гуна хусусиятҳои техникӣ ё функсионалии намуна бо дигар ҳуқуқҳои МЗ (мисол, патентҳо, моделҳои судманд ё ҳамчун сирри тиҷоратӣ) ҳифз карда мешаванд.
- Намунаҳое, ки худашон объектҳои меъморӣ (ғайр аз шаклҳои хурди меъморӣ), саноатӣ, гидротехникӣ ва дигар иншоотҳои ғайрисайёр мебошанд.
- Объектҳои шаклашон ноустувор аз моддаҳои моеъ, газмонанд, пошхӯранда ё ба онҳо монанд.
- Намунаҳое, ки ба тартибот ё ахлоқу одоби ҷамъиятӣ мухолифанд.
- Намунаҳое, ки ба тартибот ё ахлоқу одоби ҷамъиятӣ мухолифанд.

Ғайр аз ин, бояд гуфт, ки баъзе мамлакатҳо аз доираи ҳуқуқ ба сифати намунаи саноатӣ маҳсулоти ҳунармандиро истисно мекунанд, чунки қонунгузории онҳо дар бораи намунаҳои саноатӣ талаб менамояд, ки маснуоте, ки ба он намунаи саноатӣ татбиқ карда мешавад, «маҳсулоти саноатӣ» бошад ё ки вайро бо «воситаҳои саноатӣ» таҷдид кардан мумкин бошад. Аммо қонунгузории ҶТ дар баробари маҳсулоти истеҳсолоти саноатӣ, ба сифати намунаи саноатӣ ҳифз намудани маҳсулоти ҳунармандиро иҷозат медиҳад.

Қонунгузориҳои миллии мамлакатҳо нисбати маҳдудиятҳои бақайдгирӣ ба сифати намунаи саноатӣ тафовут доранд. Барои ҳамин мо ба шумо тавсия медиҳем, ки аз мутахассиси соҳаи МЗ ё идораи дахлдори миллии МЗ маслиҳат пурсед.

## Намунаи саноатӣ чи тавр ба қайд гирифта мешавад?

Барои дар мамлакати худ ба қайд гирифтани намунаи саноатӣ бояд ин корҳоро иҷро намоед:

- Пур намудани бланки ариза, ки дар идораи моликияти зеҳнии мамлакати шумо ҳаст (ниг. Замимаи I, ки рӯйхати веб-сомонаҳои идораҳои МЗ, ки намунаҳои саноатиро ба қайд мегиранд, дорад), бо ишораи ному насаб, иттилооти алоқавӣ ва нақшаҳо, ва/ё суратҳои намунаи саноатӣ (намунаҳо)(андозаҳои стандартӣ одатан муқаррар шудаанд).
- Дар баъзе мамлакатҳо аз шумо инчунин метавонанд имконияти тартибдиҳии тавсифнома ё арзномаи хаттӣ дар бораи навии намунаи саноатиро талаб намоянд ё назардошт кунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф ва номгӯи аломатҳои муҳими намунаи саноатиро пешниҳод намудан зарур аст. Одатан, талаб карда мешавад, ки тавсифи маҳз намунаи саноатӣ пешниҳод шавад, на худи мол, ки он дар вай истифода бурда мешавад. Тавсиф бояд аниқ ва равшан фарқияти онро аз ҳамаи намунаҳои пештар маълумбудаи ба он монанд нишон диҳад. Ғайр аз ин, вай бояд ба ҳамаи хусусиятҳои фарққунандаи эстетикии намунаи саноатӣ ишора кунад ва аз онҳо муҳимашро ҷудо намояд. Дар баъзе мамлакатҳо мумайизи идора метавонад пешниҳоди худи намунаи саноатиро дархост кунад, то ки хубтар маънои онро фаҳмад ва сохтори онро ё маводи истифодашавандаро ҳис намояд.
- Шумо бояд боҷи муқаррашударо барои бақайдгирӣ пардохт намоед.
- Инчунин шумо метавонед аз хизматрасониҳои намояндаи патентӣ, ки ба шумо дар пур кардани ариза ва ба амал овардани тамоми рафти бақайдгирӣ ёрӣ мерасонад, истифода баред. Дар ин ҳолат ба шумо лозим меояд, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи додани ваколат ба намояндаи шумо, яъне боваринома ро ваколатномаро диҳед.

Баъзе идораҳо, барои ба риояи ҳамаи талаботҳои расмӣ боварӣ ҳосил намудан, намунаи саноатиро танҳо баъд аз гузаронидани санҷиши расмии ариза ба қайд мегиранд. Идораҳои дигар санҷиши моҳиятии аризаро бо мақсади ошкор намудани намунаҳои саноатии пеш бақайдгирифташуда барои муқарраркунии факти навӣ ва/ё аслиятии намунаи саноатии арзшуда мегузаронанд. Қайд намудан зарур аст, ки ададӣ зиёди идораҳо бақайдгирии намунаҳои саноатиро бе гузаронидани санҷиши муайянкунии навӣ ва/ё аслият ба амал меоранд.

Баъди бақайдгирӣ намуна ба феҳристи намунаҳои саноатӣ ворид карда шуда дар нашри (бюллетени) расмии идора интишор мегардад, баъд аз он шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии намунаи саноатӣ дода мешавад. Дар ҶТ ба намунаи саноатии бақайдгирифташуда патент дода мешавад, на шаҳодатнома. Дар баъзе мамлакатҳо/минтақаҳо арзномадеҳ имконияти ба таъхир гузоштани нашрро дорад ва дар ин ҳолат, дар мӯҳлати муайяни бо қонунгузории мамлакат муқарраршуда, намуди зоҳирии намунаи саноатӣ ошкор карда намешавад. Аз нуқтаи назари мақсадҳои стратегии тиҷоратии муассиса, ба таъхир гузоштани нашр ба мӯҳлати додашуда метавонад варианти хеле беҳтар шавад. Бо қонунгузории Тоҷикистон чунин имконият пешбинӣ нашудааст.

Иттилооти пурратар дар бораи ҳифзи намунаҳо дар хориҷа дар фасли 3 оварда шудааст.

www.wipo.int/sme/

## Муддати бақайдгирии намунаҳо чӣ қадар аст?

Ин аз идораи миллии МЗ вобаста аст, лекин, одатан, рафти бақайдгирии намунаи саноатӣ мӯҳлати аз 6 то 12 ё зиёдтар моҳро тартиб медиҳад, вобаста аз як қатор сабабҳои зерин: оё мумайизи идора ягон хел эътироз баён накардааст ва дар мамлакат то амалӣ гардидани бақайдгирӣ имконияти додани эътироз пешбинӣ шудааст ё не. Дар Идораи миллии патентӣ-иттилоотӣ мӯҳлати гузаронидани санҷиш аз рӯи арзнома ба намунаи саноатӣ аз 12 то 16 моҳро тартиб медиҳад.

## То чи андоза нигоҳдории махфияти намунаи саноатӣ то бақайдгирӣ муҳим аст?

Агар шумо бо роҳи бақайдгирии намунаи саноатӣ ҳифозати онро гирифтанӣ бошед, он гоҳ нигоҳдории характери махфиятии намунаи саноатӣ ниҳоят муҳим аст. Сабаби ин дар он аст, ки, одатан, талаботи асосӣ барои пешниҳоди ҳифозат ба намунаи саноатӣ, талаботи дорои «навӣ» будани он аст. Агар шумо намунаи саноатиро ба шахсони дигар намоиш доданӣ бошед, тавсия дода мешавад, ки созишномаи хаттӣ тартиб дода шавад, ки дар он ҳолати махфиятии иттилоот, ки ба махфӣ нигоҳ доштани намуди зоҳирии намунаи саноатӣ ишора мекунад, дарҷ гардад.

Намунаи саноатие, ки аллакай ба мардум пешниҳод карда шудааст, масалан дар реклама, феҳрист ё брошюраи ширкати шумо, дигар наметавонад ҳамчун «навӣ»-дошта дида баромада шавад. Ҳамин тариқ, вай ба соҳаи дороии ҷамъиятӣ мегузарад ва наметавонад ҳифозат гирад, агар қонунгузории мамлакат «муддати имтиёзӣ»-ро пешбинӣ накарда бошад ё

Мисол: BABY AND CHILDREN

Барои таъминкунии бехатарӣ ва ҳузуру ҳаловати кӯдакон ҳангоми оббозӣ дар ванна, муассисаи на он қадар калони фаронсавӣ «BABY AND CHILDREN» албонҷи (гамаки) бачагона барои ваннахона кор карда баромада истеҳсол намуд. Дизайни оддӣ ва аҷиб ҳаваси волидайнро дар бисёр мамлакатҳо пайдо намуд. Барои таъминкунии ҳифозати маҳсулоти нави худ, моҳи марти 2000 с. ширкати «BABY AND CHILDREN» аризаи байналмиллалиро барои бақайдгирии намунаи саноатӣ дода буд. Баъди бақайдгирӣ муассиса тавонист маҳсулоти худро дар зиёда аз даҳ мамлакат дар се қитъа, ҳам бо роҳи фурӯш ва ҳам бо роҳи додани литсензия ба истифодабарии намунаи саноатии ба қайд гирифташуда тиҷоратӣ кунонад.

Ин маҳсулот ба комёбии калон муваффақ шуд. Ҳоло албонҷ (гамак) маҳсулоти пешбарандаи ширкат буда, дорои монополияи ҳуқуқҳо аст, ки бо ҳифозати намунаи саноатӣ таъмин шудааст, ҳоло ҳам дар бозори байналмиллалӣ маҳсулоти худро бомуваффақият фурӯхта истодааст.



Чоп шудааст бо иҷозати: BABY AND CHILDREN

ки аввалият аз рӯи арзномаи пештар додашуда гирифта шуда тавонад (ниг. инчунин «Намунаҳои саноатиро дар хориҷа чӣ тавр бояд ҳифз намуд?»

## «Муддати имтиёзӣ» чист?

Дар баъзе мамлакатҳо бо қонунгузорӣ муддати имтиёзӣ барои бақайдгирии намунаи саноатӣ, ки мӯҳлати он одатан аз 6 моҳ то як солро аз санаи ошкорсозӣ ё нашри иттилоот дар бораи намуна тартиб медиҳад, иҷозат дода шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати имтиёзии 6-моҳа пешбинӣ шудааст.

Ин рӯй медиҳад ҳамон вақте, ки маҳсулот бо истифодаи намунаи саноатӣ то додани ариза фурӯхта мешавад, дар намоишгоҳҳои савдо ё ярмарка нишон дода мешавад ё дар феҳрист, брошюра ё реклама нашр мегардад. Дар давоми ин муддат ин гуна маҳсулотро дар бозор бе талафдиҳии «навии» намунаи саноатӣ фурӯхтан мумкин аст ва ин ба додани ариза барои бақайдгирии он халал намерасонад.

Аммо, азбаски ин на дар ҳамаи мамлакатҳо пешбинӣ шудааст ва, дар ҳар ҳол бо вақт маҳдуд аст, бисёр вақт нигоҳдории махфиятии иттилоот дар бораи намунаи саноатӣ то додани ариза барои гирифтани ҳифозати он мувофиқи мақсад аст. Ғайр аз ин, дар давоми муддати имтиёзӣ ҳуқуқҳои истисноӣ ба намунаи саноатӣ мавҷуд нестанд (бо вуҷуди он, ки вай метавонад автоматӣ ҳифозатро дар доираи ҳуқуқи муаллиф ё қонунгузорӣ дар бораи рақибияти беviҷдонона, вобаста аз ҳолатҳои қонунгузории миллӣ, гирад). Муфассалтар дар бораи ҳуқуқи муаллиф ниг. Фасли 5.

## Мӯҳлати ҳифозати намунаи саноатӣ чӣ қадар аст?

Мӯҳлати амали ҳифозати намунаи саноатии бақайдгирифташуда дар мамлакатҳои гуногун фарқ мекунад, лекин одатан аз ҳама кам 10 солро ташкил медиҳад (бо вуҷуди он, ки бисёр вақт вай дарозтар шуда метавонад). (Мисол, 14 сол дар доираи патент ба намунаи саноатии ИМА ва то 25 сол дар доираи намунаи саноатии Иттиҳоди Аврупо). Дар бисёр мамлакатҳо бо гузаштани панҷ сол, аз дорандаҳои ҳуқуқҳо талаб карда мешавад, ки мӯҳлати амали ҳифозати намунаи саноатиро дароз намоянд. Дар ҶТ мӯҳлати ҳифозати намунаи саноатии бақайдгирифташуда 10 солро бо имконияти бо дархост то 5 сол дароз намудан, ки дар якҷоягӣ мӯҳлати 15 солро дар бар мегирад, ташкил медиҳад.

## Гирифтани ҳифозати намунаи саноатӣ чанд пул меистад?

Дар мамлакатҳои гуногун хароҷотҳои аслӣ барои ин қатъиян фарқ мекунанд. Вале дар хотир доштан муҳим аст, ки ҳангоми гирифтани ҳифозат дигар хароҷотҳо низ пайдо шуда метавонанд.

1. Боҷҳо барои бақайдгирии намунаи саноатӣ ба идораи миллӣ ё минтақавии МЗ пардохт карда мешаванд. Андозаи боҷҳо аз миқдори намунаҳои саноатии барои гирифтани бақайдгирӣ арзшуда, ва адади мамлакатҳое, ки дар онҳо ин бақайдгирӣ талаб карда мешавад, вобаста аст. Мисол, боҷ ба додани ариза ба як намунаи саноатии Иттиҳоди Аврупо 350 евроро ташкил медиҳад. Ин маблағ то 1925 евро меафзояд, агар дар ариза 10 намунаи саноатӣ номбар шуда бошад. Иттилоотро дар бораи андозаи аниқи боҷҳо аз намояндаи патентӣ ё дар илораи дахлдори МЗ гирифтан мумкин аст.
2. Агар барои расмӣ намудани ариза шумо ба хизматрасониҳои намояндаи патентӣ, ки дар рафти бақайдгирӣ

www.wipo.int/sme/

иштирок мекунад, муроҷиат намоед, дар назди шумо низ хароҷотҳои бо хизматрасониҳои намояндаи патентӣ алоқаманд, меистанд.

3. Аксари мамлакатҳо барои нигоҳдории амали ҳуқуқҳои истисноӣ ба намунаҳои саноатӣ, пардохти боҷҳоро барои дароз намудани мӯҳлати амал, одатан ба мӯҳлати 5 сол, талаб менамоянд,
4. Агар шумо дар хориҷа гирифтани ҳифзатро ба нақша гиред, хароҷотҳои бо ба забони хориҷӣ тарҷима намудани маводи ариза ба намунаи саноатӣ алоқаманд низ, аз эҳтимол дур нестанд.

## Агар дар намунаи саноатӣ характеристикаҳои функсионалӣ бо элементҳои эстетикӣ якҷоя карда шуда бошанд, чӣ бояд кард?

Барои гирифтани ҳуқуқҳои истисноӣ ба характеристикаҳои фунсионалии маснуот, одатан, барои гирифтани ҳифзати патентӣ ба ихтироъ ё моделҳои судманд муроҷиат намудан матлуб аст.  Агар ин гуна характеристикаҳо дар асоси маҳсулоти истеҳсолшаванда ба осонӣ пайдошаванда набошанд, нигоҳ доштани онҳо дар сифати сирри тиҷоратӣ матлуб аст. Аксар вақт дар маснуоти нав характеристикаҳои функсионалӣ бо элементҳои инноватсионии эстетикӣ вобаста мебошанд. Мисол, шумо телефони нави мобилиро кор карда баромадед. Бо вуҷуди он, ки телефони мобилӣ метавонад натиҷаи офаридани силсилаи компонентҳои коркардшудаи электронӣ бошад ва метавонад бо патент (ё патентҳо) ҳифз карда шавад, ҳамчун қадами аввалин, намуди зоҳирии чунин телефон метавонад ба сифати намунаи саноатӣ ба қайд гирифта шавад. Оё шумо метавонед аризаро ба ду объект диҳед? Ҳа, метавонед.



' Nokia

## Ҳифзати намунаи саноатӣ ва стратегияи корчаллонӣ (соҳибкорӣ)

Қарор дар бораи он, ки чӣ тавр, дар куҷо ва кай ба гирифтани ҳифзати намунаҳои саноатии ширкат муроҷиат намудан лозим аст, ба дигар ҷиҳатҳои идоракунии активҳои муассиса, аз он ҷумла намунаҳои саноатӣ, метавонад таъсири ҷиддӣ расонад. Барои ҳамин муҳим аст, ки масъалаҳои гирифтани ҳифзати намунаҳои саноатӣ ба стратегияи комплексии соҳибкории тамоми муассиса дохил карда шаванд. Мисол, намуди ҳифзат, хароҷотҳои мувофиқ, самаранокии ҳифзат ва масъалаҳои соҳибҳуқуқӣ ба намунаҳои саноатӣ, метавонанд андешаҳои муҳим бошанд, ки дар ҳалли масъалаҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

- намунаи саноатӣ бояд дар ширкат кор карда баромада шавад ё ки дигар ташкилотҳои берунӣ ҷалб карда шаванд;
- кадом вақт истифодабарии намунаи саноатии кор карда баромадашударо дар реклама, маркетинг ё барои намоиш дар намоишгоҳҳо оғоз намудан мумкин аст; ;
- ба кадом бозори содиротӣ бояд назар кард;
- дар куҷо, чӣ тавр ва лозим аст ё не додани литсензия,  ё ба дигар ширкатҳо додани ҳуқуқҳо ба намунаи саноатӣ барои истифодабарии тиҷоратӣ бо мақсади гирифтани даромадҳои иловагӣ.





Аксари тарроҳон (дизайнерҳо) ҳифзати ҷиҳатҳои (аспектҳои) гуногуни коркардҳои худро бо ёрии ҳуқуқҳои гуногуни моликияти зеҳнӣ мегиранд. Аммо тафовути моҳиятии байни патентҳо/моделҳои судманд ва намунаҳои саноатиро дар хотир доштан муҳим аст. Патентҳо ва нахустпатентҳо нисбати иътироъҳо, ки характеристикаҳои функсионалии маснуотро беҳтар мекунанд, амал менамоянд, ҳифзати намунаи саноатӣ бошад нисбат ба намуди зоҳирии худи маснуот амалӣ мегардад.

## Кӣ метавонад ҳифзати намунаи саноатиро гирад?

Одатан ин шахсе, ки намунаи саноатиро кор карда баромадааст, ё, агар ӯ шартномавӣ кор кунад, корфармои ӯ, метавонанд аризаро барои бақайдгирӣ пешниҳод намоянд. Арзномадеҳ метавонад ягон шахси воқеӣ (масалан, тарроҳ(дизайнер)), ё ягон шахси ҳуқуқӣ (масалан, ширкат) бошад. Дар ҳолати дилхоҳ ариза метавонад бо худи арзномадеҳ ё ба воситаи намояндаи патентии ӯ пешниҳод гардад. Агар шумо арзномадеҳи хориҷӣ бошед, он гоҳ аз шумо талаб карда шуданаш мумкин аст, ки намояндаи патентӣ бо идораи моликияти зеҳнии ҳамин мамлакат, бо роҳи бақайдгирии ӯ дар сифати намояндаи патентӣ,  барои бурдани ин гуна корҳо ваколатдор карда шавад.

## Ҳуқуқҳо ба намунаҳои саноатӣ ба кӣ тааллуқ доранд?

Офарандаи намуна, яъне тарроҳ (дизайнер), ҳангоми набудани ҳолатҳои махсус, одатан дорандаи якуми намунаи саноатӣ мебошад. Мисол, дар аксари мамлакатҳо агар корманди корхона намунаи саноатиро дар мувофиқат бо шартҳои созишномаи меҳнатӣ коркарда баромада бошад, яъне дар давоми вақти корӣ ва дар доираи иҷрои вазифаҳои хизматии худ, он гоҳ худи намуна (ва

**Мисол: DURACELL**

То солҳои 80-м «DURACELL» ширкате буд, ки аслан як намуди маснуот – батарейкаҳои ишқорииро истеҳсол менамуд. Дар соли 1981 «DURACELL» ба ёрии тарроҳон (дизайнерҳо) барои коркардабароии шакли фонуси кисагӣ муроҷиат намуд, ки дер нагузашта баъд аз ин, дар соли 1982 истеҳсоли он оғоз гардид. Ду сол пас дизайни фонус мукофоти Шӯрои дизайнии Британияи Кабирро сазовор гашт. Сол ба сол «DURACELL» истеҳсоли якчанд варианти фонусҳои кисагиро аз худ намуд, ки бо ҳаллҳои гуногуни дизайнерӣ барои бозорҳои мақсаддори гуногун иҷро шудаанд. Фонусҳо барои истеъмолкунандагони ҷавон бо истифодабарии анвои мӯдшудаи рангҳо кор карда баромада шуда буданд.

Характеристикаҳои инноватсионии функсионалии маснуот бо патент ҳифз карда мешаванд, дар он вақте, ки намунаи саноатӣ дар аксари мамлакатҳои пешрав, ки дар онҳо ҳоло маҳсулоти «DURACELL» дар фурӯш аст, ҳифз карда мешавад.



Duracell ®

ҳуқуқҳои ба вай дахлдор) ба корфармо тааллуқ дорад ё ки барои додани ҳуқуқҳо созишномаи хаттӣ дар бораи додани ҳуқуқҳо метавонад талаб карда шавад.

Агар намуна бо дизайнери бо шартнома ба кор гирифташуда коркарда баромада шуда бошад, ҳуқуқҳо одатан ба худи ширкате, ки ба дизайнер коркардабароии ин намунаро фармудааст, таалуқ доранд. Дар ин гуна ҳолатҳо ба ҳисоб меравад, ки намунаи саноатӣ бо шахсе, ки коркардабароии онро ба дизайнер фармудааст ва барои ҳамин дорандаи ҳуқуқҳо мебошад, иҷро шудааст. Якбора масъалаи соҳибҳуқуқиро дар шартнома бо дизайнер ҳал намуда, аз ғалатфаҳмиҳо дар марҳилаи дертар раҳо ёфтан мумкин аст. Шумо инчунин бояд дар хотир доред, ки дизайнер ба таври автоматӣ метавонад ҳуқуқи муаллифӣ-ҳифозатиро ба нақшаҳои намунаи аслӣ гирад, ва ин савол инчунин бояд дар шартнома ба танзим дароварда шуда бошад.

## Оё бо пешниҳоди як ариза ҳифозатро ба якчанд намунаи саноатӣ гирифтан мумкин аст?

Ҷавоб ба ин савол, вобаста аз мамлакат, метавонад гуногун бошад. Дар аксар мамлакатҳо як ариза ба силсилаи намунаҳои саноатӣ (10, 20 ё ҳатто 50) пешниҳод намудан мумкин аст, агар ҳамаи онҳо ба ҳамон як намуди маснуот ё «синфи» молҳо дахл дошта бошанд (ниг. ба тавзеҳот нисбати «синфҳо» дар саҳ. 15).

Ин маънои онро дорад, ки агар шумо гарнитуреро кор карда баромадаед, ки курсиҳо, мизҳо ва мизҳои машшотӣ

**Мисол: TRAX**

TRAX – ин системаи курсиҳои паҳлудор барои истифодабарӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки дизайни онро Родни Кинсман кор карда баромадааст, аммо фурӯш ва пешравии онро дар бозор ширкати OMK Design Ltd ба амал меорад. Системаи курсиҳои паҳлудор TRAX дар аввал дар мувофиқат бо дархости ширкати British Rail, ки он дар бозор чунин курсиҳоеро, ки намуди зоҳирии хуб доранд, қулай мебошанд, ба шароитҳои ҳаво устувор мебошанд ва нигоҳубини махсусро талаб намекунанд, ҷустуҷӯ менамуд. Сол ба сол системаи TRAX, аз ҷумла бахшида ба дизайни амалии худ ба муваффақият ноил гашт ва дар зиёда аз 60 фурудгоҳи ҷаҳон гузошта шуд.

Дизайни TRAX дар сифати намунаи саноатии бақайдгирифташуда дар Британияи Кабир, Австралия, мамлакатҳои Бенилюкс, Олмон, Италия, Ҷопон ва дар ИМА ҳифз карда мешавад. Мавҷуд будани намунаи саноатии ҳифзшаванда дар ин мамлакатҳо ба ширкати OMK Design Ltd ҳуқуқи истисноии тиҷоратикунонии маҳсулоти худро медиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо OMK Design Ltd ба ширкатҳои хориҷӣ литсензияҳоро барои истеҳсолкунии ин системаи курсиҳо дар асоси роялти додааст.



Чоп шудааст бо иҷозати: TRAX®

www.wipo.int/sme/



дорад ва мехоҳед, ки ба онҳо ҳифозатро гиред, он гоҳ бисёрии мамлакатҳо ба шумо иҷозат медиҳанд, ки як аризаро ба ҳамаи ин предметҳо пешниҳод намоед, бо шарти пардохти як боҷ барои пешниҳоди ариза, чунки ҳамаи онҳо ба як синфи маҳсулот таалluқ доранд. Аммо, агар шумо инчунин мехоҳед ҳифозатро ба чароғи ба ин предметҳо ҳамроҳбуда гиред, он гоҳ, аз афташ, ба шумо лозим меояд, ки аризаи алоҳида пешниҳод намоед,чунки чароғ ба синфи дигар таалluқ дорад. Одатан, бо вуҷуди он, ки боҷҳо барои ҳар як намунаи саноатии иловагӣ ситонида мешаванд, андозаи онҳо, назар ба хароҷотҳои умумие, ки барои пешниҳод намудани аризаҳои алоҳида барои ҳар як намунаи саноатӣ карда мешаванд, қатъиян камтар мебошанд.

Аммо дар баъзе мамлакатҳо барои ҳар як намунаи саноатӣ аризаи алоҳидаро пешниҳод намудан зарур аст. Бисёрии аз ин мамлакатҳо, бо вучуди он, ки аризаро бо як намунаи саноатӣ маҳдуд месозанд, мавҷудияти якчанд варианти ин намунаро ба назар мегиранд; дигарҳо ҳолати истисноро ба қоидаи «намунаи ягонаи саноатӣ»-ро дар назар медоранд, агар ҳамаи намунаҳо ба «як комплекти маҳсулот» дахл дошта бошанд.

- Вариантҳо, мисол, метавонанд ду ҳалқаро дохил кунанд, ки фарқи онҳо дар он аст, ки яктоаш клипса буда, дигараш ба гӯшҳои сӯрохидошта андохта мешавад. Барои ба сифати вариантҳо дида баромада шудан, намунаҳои саноатӣ бояд ба ҳамон як маҳсулот татбиқ карда шаванд ва моҳиятан аз ҳамдигар фарқ накунанд.
- Аз тарафи дигар, «комплект» ҳамчун як қатор маҳсулоти характери умумидошта муайян карда мешавад, ки одатан якҷоя фурӯхта мешаванд ё барои истифодабарии якҷоя пешбинӣ шудаанд ва дорои баъзе хислатҳои умумӣ мебошанд. Асбобу анҷоми хӯрокхӯрӣ (чангча, қошуқ, корд) ва асбобҳои маишӣ (фен ва мулҳақаҳо ва чӯткаҳо барои он) мисол шуда метавонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди як ариза ба якчанд варианти намунаи саноатӣ мумкин аст. Дар баробари ин бояд талаботи ягонагии намунаи саноатӣ риоя карда шавад, яъне ҳамаи намунаҳои саноатӣ бояд бо ғояи ягонаи эҷодӣ алоқаманд бошанд ва бо худ ё маҳсулоти бутун ва қисмҳои мустақили функсионалии онро ифода намоянд, ё вариантҳо бошанд.Инчунин маҷмӯъ ё комплекти маҳсулоте метавонад арз дода шавад, ки таъиноти умумӣ ва истифодабарии комплексӣ дорад, мисол, маҷмӯи мебел (гарнитур), маҷмӯи косаву табақи ошхона (сервиз), маҷмӯи ускунаҳо ва ғ.

Аён аст, ки ададӣ зиёди вариантҳои мазмуни як ариза вуҷуд дорад; иттилооти аниқро дар бораи талаботҳо ва имкониятҳои гирифтани ҳифозат бо хароҷоти камтаринро аз намояндаи патентӣ ё дар Маркази миллии патенту иттилоот гирифтан мумкин аст.

## Системаи байналмиллалии таснифот

Барои қулай шудани ҷустуҷӯ, намунаҳои саноатӣ одатан аз рӯи синфҳо тасниф ё ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Дар ариза бояд синфи маҳсулоте, ки нисбат ба он шумо намунаи саноатии додашударо истифода бурдан мехоҳед, нишон дода шавад. Бисёр мамлакатҳо таснифотро дар мувофиқат бо созишномаи Локарнӣ доир ба таъсиси Таснифоти байналмиллалии намунаҳои саноатӣ истифода мебаранд (ниг. номгӯи синфҳо дар Замимаи II). Инчунин ниг.: www.wipo.int/classifications/en/locarno/about/

## Оё намунаҳои саноатиро литсензия кардан мумкин аст?

Намунаҳои саноатӣ литсензия карда мешаванд, агар дорандаи он (литсензиар) ба шахси дигар (литсензиат) истифодабарии намунаи саноатии додашударо бо ягон хел мақсадҳои муттафиқонаи тарафайн иҷозат диҳад. Дар ин ҳолатҳо одатан бо тарафҳо созишномаи литсензионӣ баста мешавад, ки дар он шартҳо ва ҳаҷми ҳуқуқҳои додашаванда пешакӣ қайд карда мешаванд.

Бисёр вақт созишномаҳои литсензионӣ нисбат ба мамлакатҳое, ки дар онҳо литсензиат намунаи саноатиро метавонад истифода барад, мӯҳлати литсензия, ва намуди маҳсулоте, ки нисбат ба он литсензия истифода бурда шуда метавонад, маҳдудиятҳо доранд. Барои дода шудани литсензия ба истифодабарии намуна дар мамлакатҳои хориҷӣ ҳифозати онро пешакӣ гирифтан, ё ки аққалан аризаро ба гирифтани ҳифозати намунаи саноатӣ дар мамлакатҳои дахлдор пешниҳод намудан зарур аст.

Дар доираи созишномаи литсензионӣ ба шахсони дигар дода шудани иҷозат ба истифодабарии намунаҳои саноатӣ, ба муассисаи шумо имконият медиҳад, ки дорои манбаи иловагии даромадҳо гардад ва ин шакли паҳнгардидаи истифодабарии ҳуқуқи истисноии ширкат ба намунаҳои саноатии бақайдгирифташудаи худ мебошад.

Созишномаҳои литсензионӣ ба намунаҳои саноатӣ бисёр вақт ба созишномаҳои литсензионии васеъ, ки ҳамаи ҷиҳатҳои маҳсулотро (яъне на танҳо намуди зоҳириро) дар бар мегиранд, дохил карда мешаванд.

www.wipo.int/sme/

## 3. Ҳифозати намунаҳои саноатӣ дар хориҷа

### Барои чӣ намунаҳои саноатиро дар хориҷа ҳифз кардан зарур аст?

Агар ширкати шумо тасмим гирифтааст, ки маҳсулотеро, ки дорои намунаи саноатии коркардшуда мебошад, содирот кунад, ё мехоҳад литсензияро ба истеҳсол, фурӯш ё содироти ин маҳсулот ба ширкатҳои мамлакатҳои хориҷӣ диҳад, вай бояд масъалаи гирифтани ҳифозати намунаҳои саноатиро дар ин гуна мамлакатҳо дида барояд, бо мақсади он, ки дар он ҷо аз ҳамон бартариҳое, ки аз гирифтани ҳифозат бармеоянд, ба монанди бозори дарунӣ, истифода барад.

### Ҳифозати намунаҳои саноатиро дар хориҷа чӣ тавр гирифтан мумкин аст?

Ҳифозати намунаи саноатӣ характери территориявӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки ҳифозати намунаи саноатӣ, одатан, бо ҳамон мамлакат ё минтақа маҳдуд аст, ки шумо дар он ҷо намунаи саноатиро ба қайд гирифтед. Барои ҳамин, агар шумо ҳифозати намунаи саноатиро дар бозорҳои мамлакатҳои содироти тахминшаванда гирифтанӣ бошед, бояд аризаҳоро барои ин намунаҳои саноатӣ ба идораҳои миллии МЗ пешниҳод намоед.

Бояд дар хотир дошт, ки агар шумо аризаро барои намунаи саноатӣ дар дигар мамлакатҳо пешниҳод намоед, одатан,барои дархост намудани ҳуқуқи аввалият дар ихтиёри шумо шаш моҳ аз санаи пешниҳод барои гирифтани ҳифозат дар мамлакати худатон (яъне дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳаст. Бо гузаштани ин мӯҳлат шумо наметавонед ҳифозати намунаро дар дигар мамлакатҳо дархост намоед, чунки аллакай вай нав ҳисобида намешавад.



Се тарзи таъминкунии ҳифозати намунаҳои саноатии шумо дар хориҷа мавҷуд аст.

1. Тартиби миллӣ: ширкатҳо аризаҳоро алоҳида ба идораҳои миллии МЗ-и ҳар як мамлакате, ки дар он мехоҳанд ҳифозатро гиранд, пешниҳод намуда, метавонанд ҳифозатро гиранд. Ин роҳ метавонад хеле мураккаб ва гаронбаҳо бошад, зеро одатан талаб карда мешавад, ки аризаҳо ба забони миллии ҳамон мамлакатҳое, ки ба онҳо ариза пешниҳод мегардад, тарҷима шаванд, ва инчунин боҷҳои муқарраршуда ва хизматрасониҳои намояндаҳои патентӣ, агар аз онҳо истифода бурда бошанд, пардохт карда шаванд.
2. Тартиби минтақавӣ: агар шумо дар гирифтани ҳифозат дар як қатор мамлакатҳое, ки иштирокчиёни созишномаҳои минтақавӣ буда, бақайдгирии намунаҳои саноатии дар якчанд мамлакат амалкунандаро иҷозат медиҳанд ҳавасманд бошед, он гоҳ бояд масъалаи пешниҳод намудани аризаи ягона ба идораи минтақавии МЗ дида баромада шавад.Ба рӯйхати идораҳои минтақавии МЗ инҳо дохил мешаванд:

- Идораи минтақавии африқоии моликияти саноатӣ (ARIPO) барои гирифтани ҳифозати намунаҳои саноатӣ дар мамлакатҳои англисизабони Африқо;
- Ташкилоти африқоии моликияти зеҳнӣ (OAPI) барои гирифтани ҳифозат дар мамлакатҳои фаронсазабони Африқо;
- Идораи намунаҳои саноатии Бенилюкс барои гирифтани ҳифозат дар Белгия, Нидерланд ва Люксембург;
- Идораи ҳамоҳангсозии бозори дарунӣ (OHIM) барои гирифтани ҳифозат дар мамлакатҳои иттиҳоди Аврупо;.

Ниг. дар Замимаи I суроғаҳои веб-сомонаҳои идораҳои минтақавии МЗ.

3. Тартиби байналмиллалӣ: ширкатҳое, ки мехоҳанд намунаҳои саноатиро дар якчанд мамлакат ба қайд гиранд, инчунин метавонанд тартибҳои бо созишномаи Гаага дар бораи маҳфузии байналмиллалии намунаҳои саноатиро, ки функсияи онро СУМЗ иҷро мекунад, истифода баранд. Арзномадеҳ аз мамлакатҳо-иштирокчиёни созишномаи Гаага метавонад якто аризаи байналмиллалиро ба СУМЗ пешниҳод намояд ва дар ин ҳолат намунаи саноатӣ метавонад ҳифозатро дар он мамлакатҳо-иштирокчиёне, ки ӯ интихоб мекунад, гирад. Созишнома ба арзномадеҳҳо тарзи оддӣ ва арзонтари пешниҳоди ариза барои гирифтани ҳифозати байналмиллалии намунаҳои саноатиро дар мамлакатҳои гуногун медиҳад. Иттилооти пурраро дар бораи созишномаи Гаага, аз он ҷумла бланкаи ариза ва рӯйхати давлатҳо-иштирокчиёни созишномаи Гаагаро дар СУМЗ бо суроғаи: www.wipo.int/hague/ гирифтан мумкин аст.

Хароҷотҳо барои бақайдгирии намунаи саноатӣ дар мувофиқат бо ҳолатҳои созишномаи Гаага вобаста аз адади намунаҳои саноатӣ ва мамлакатҳое, ки дар онҳо ҳифозат дархост мешавад, тағйир меёбанд. Мисол, хароҷотҳо барои ҳифозати панҷ намуна дар 11 мамлакат бо истифодабарии тартиби байналмиллалӣ дар доираи системаи Гаага қариб 900 франки шв. ташкил медиҳад.

## 4. Ҳифзи ҳуқуқҳо ба намунаҳои саноатӣ

### Ҳуқуқҳоро чӣ тавр бояд муҳофизат намуд, агар намунаи саноатӣ тақлидкорӣ, нусхабардорӣ ё ғайриқонунӣ истифода карда шавад?

Ҳифзи объекти дилхоҳи моликияти зеҳнӣ метавонад хеле масъалаи мураккаб бошад, ки барои ҳалли он одатан ба ёрии касбии ҳуқуқшиноси дар соҳаи додашуда салоҳиятдор муроҷиат намудан тавсия карда мешавад. Дар хотир доштан муҳим аст, ки ҷавобгарии асосӣ барои ошкоркунии ҳолатҳои тақлидкорӣ ё истифодабарии ғайриқонунии намунаи саноатӣ ва чорабиниҳои мувофиқ ба зиммаи дорандаи он мебошад. Бо суханҳои дигар, худи шумо бояд истифодабарии намунаи худро дар бозор назорат карда, ҳолатҳои тақлид ё сохтакориро ошкор намуда, нисбат ба истифодабарии чорабиниҳои мувофиқ қарор қабул намоед, ва дар ҳолати қарори мусбӣ, муайян намоед, ки чӣ тавр ва кай.

Одатан, ҳуқуқшиноси соҳаи МЗ шахси салоҳиятдор аст, ки метавонад ба шумо иттилооти пурраро оиди имкониятҳои шумо барои андешидани чораҳои судии ҳифзи ҳуқуқҳо ба зидди тақлид, истифодабарии ғайриқонунӣ ё сохтакорӣ дар мамлакат пешниҳод намояд, ва инчунин ба шумо роҳи танзими ин низоъро маслиҳат диҳад.

Агар шумо гумон кунед, ки ҳуқуқи шумо вайрон карда шуда истодааст, ҳамчун қадами аввал шумо метавонед мактуби огоҳиро, ки вайронкунандаро дар бораи имконпазирии вайронкунии ҳуқуқҳои истиснои шумо хабардор менамояд, фиристед. Барои тартибдиҳии ин гуна мактуб аз ёрии ҳуқуқшинос истифода бурдан тавсия карад мешавад. Агар, бо вуҷуди ин, ҳуқуқҳои шумо ҳоло ҳам вайрон шуда истодаанд, мумкин, ки ба шумо зарур мешавад, бар зидди вайронкунанда чораҳои судӣ андешед.

Макони истеҳсоли молро, ки ҳуқуқҳои шуморо вайрон мекунад, дониста истода, шумо метавонед бо роҳи гирифтани ордер барои тафтиш ва мусодираи ин гуна маҳсулот (одатан дар суди салоҳиятдор ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат) дар рафти гузаронидани тафтиши ногаҳонӣ бе огоҳонии пешакии ширкат/шахсе, ки тахминан вайронкунандаи ҳуқуқҳо мебошад, чораҳои барои вайронкунандаи ҳуқуқҳо ногаҳониро андешед.

Бо мақсади пешгирии воридоти маҳсулоти контрафактӣ, дар аксар мамлакатҳо дорандаи намунаи саноатӣ имконият дорад, бо ёрии мақомоти гумрукии мамлакат дар сарҳади давлатӣ чораҳо андешад. Бо қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба намунаҳои саноатие, ки вайронкунандаи ҳуқуқҳои шумо мебошанд, дар сарҳад чораҳо андешидан пешбинӣ нашудааст.

Ҳамчун маслиҳати умумӣ, дар ҳолати муайян гардидани вайронкунии ҳуқуқҳо, ҳатман ба ҳуқуқшиноси касбӣ муроҷиат намудан, тавсия дода мешавад.

### Ҳифозати байналмиллалии намунаҳои саноатӣ

Дар 2001с. истифодабарандагони калонтарини созишномаи Гаага дар бораи маҳфузии байналмиллалии намунаҳои саноатӣ аз рӯи аризаҳо инҳо буданд: Swatch Group, Interior, Sony Overseas, Hermis, Daimler Chrysler, Nokia, Villeroy & Boch A.G., Moulinex, Philips Electronics ва Salomon.
Swatch Group – истифодабари калонтарини система дар 2001с. барои бақайдгирии намунаҳои саноатӣ дар доираи системаи Гаага 103 аризаро пешниҳод намудааст. Намуди аслии зоҳирии соатҳои ин ширкат хусусияти муҳим ба ҳисоб меравад, ки интихоби истеъмолкунандагонро ба фоидаи маҳсулоти он муайян менамояд. Инро ба назар гирифта, ширкатҳои ба Swatch Group монанд, саҳми калони моддӣ ва зеҳниро ба коркарди намунаҳои саноатӣ мегузоранд ва барои худашон гирифтани ҳуқуқҳои истисноиро ба истифодабарии онҳо бо роҳи бақайдгирии онҳо дар бисёр мамлакатҳо таъмин менамоянд.



Чоп шудааст бо иҷозати: Swatch AG

## 5. Дигар намудҳои ҳифозати ҳуқуқии намунаҳои саноатӣ

### Тафовути байни ҳифозати муаллифӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифозати намунаҳо дар доираи қонун дар бораи намунаҳои саноатӣ дар чист?

Дар баъзе мамлакатҳо қонунгузории амалкунанда ҳифозати муаллифӣ-ҳуқуқии баъзе намудҳои намунаҳои саноатӣ, масалан, расмҳои нассоҷӣ ё матоъҳоро эътироф менамояд.



Намуди қолин

Дар аксари мамлакатҳо шумо метавонед ҳифозати кумулятивиро гиред (яъне ҳифозати муаллифӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифозатро дар доираи қонунгузорӣ дар бораи намунаҳои саноатӣ), ки он метавонад нисбат ба ҳамон як намунаи саноатӣ вуҷуд дошта бошад, бо вуҷуди он, ки дар баъзе мамлакатҳо ин ду намуди ҳифозат ҳамдигарро истисно мекунанд.

Масъалаи ҳифозати кумулятивӣ характери мубоҳисавӣ дорад, вале азбаски на қонунгузории ба ҳуқуқи муаллиф дахлдор ва на қонунгузории ба ҳифозати намунаҳои саноатӣ дахлдор, низомҳоеро, ки зарурияти интихоби

www.wipo.int/sme/

алтернативии шакли ҳифозати онҳоро ифода мекунанд, надоранд, системаи ҳифозати ҳуқуқии намунаҳои саноатии дар Тоҷикистон ҷойдоштаро бояд эътироф намуд.

Пеш аз доир ба роҳҳои беҳтарини таъминоти ҳифозати намунаҳои саноатӣ қарор қабул намудан, тафовути байни ин ду намуди ҳифозатро фаҳмидан зарур аст  Баъзе аз фарқиятҳои асосӣ дар поён оварда шудаанд:

**Бақайдгирӣ**

- Бақайдгирӣ дар мувофиқат бо қонунгузорӣ дар бораи намунаҳои саноатӣ: одатан намунаи саноатӣ бо арздиҳанда бояд то нашри он ё истифодаи кушод дар мамлакати дилхоҳ, ё аққалан дар мамлакате, ки дар он чунин ҳифозат пурсида мешавад, ба қайд гирифта шавад. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирӣ (патент ба намунаи саноатӣ), ҳамчун ҳуҷҷате, ки дорои ҳуқуқҳои истисноӣ ба намунаи саноатӣ будани соҳиби онро тасдиқ  мекунад, дар баъзе ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳо метавонад хеле манфиатбахш бошад, зеро ки он барои ҳифзи ҳуқуқҳои истисноӣ асоси боз ҳам мустаҳкамтар мебошад.
- Ҳифозати муаллифӣ-ҳуқуқии асарҳое, ки ҳамчун аслӣ дида баромада мешаванд, барои ба онҳо додани ҳифозати ҳуқуқӣ, риоя намудани ягон хел расмиятро пешбинӣ намекунад. Бо вуҷуди он, ки барои додани ҳифозат бақайдгирӣ зарур нест, дар баъзе мамлакатҳо депозитарийҳои махсуси обектҳои ҳуқуқҳои муаллиф ҳастанд, ки ба он ҷо барои нигоҳдорӣ намунаи саноатиро супорида, шаҳодатномаи мувофиқ гирифтан мумкин аст.

**Мӯҳлати ҳифозат**

- Одатан мӯҳлати амали ҳифозати намунаи саноатӣ дар мамлакатҳои гуногун аз 10 то 25 солро ташкил медиҳад. Дар хотир доштан муҳим аст, ки протсесси бақайдгирии намунаҳои саноатӣ метавонад якчанд вақтро гирад ва на ҳама вақт барои баъзе намудҳои маҳсулоти тезивазшаванда ба дараҷаи кофӣ ҷоиз бошад (масалан, дар соҳаҳои бо саноати муд алоқаманд). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати амали ҳифозати намунаи саноатӣ 10 солро тартиб медиҳад, бо имконияти бо аризаи дорандаи патент дароз намудани он  ба мӯҳлати дар ариза нишон додашуда, лекин на аз 5 сол зиёд.
- Дар аксари мамлакатҳо ҳуқуқи муаллиф дар давоми ҳаёти муаллиф ва 50 ё 70 сол баъд аз вафоти ӯ амал мекунад.

**Ҳаҷми ҳифозат**

- Ҳуқуқи дар натиҷаи бақайдгирӣ гирифташаванда, ҳуқуқи мутлақ (комил) дар он маъно мебошад, ки новобаста аз он, ки нусхабардории ғаразнок ҷой дошт ё беғараз, вайроншавии он рӯй медиҳад.
- Барои ҳифзи ҳуқуқҳо дар мувофиқат бо қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф, дорандаи ҳуқуқи муаллиф бояд исбот намояд, ки маҳсулоти контрафактии тахминшаванда таҷдиди мустақим (бевосита) ё ғайримустақими (бавоситаи) асари бо ҳуқуқи муаллиф ҳифзшаванда мебошад.

**Намудҳои маҳсулот**

- Дар аксари мамлакатҳо на ҳамаи намунаҳои саноатӣ метавонанд дар доираи ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда шаванд ва, асосан аз онҳо ҳамонашон ҳифз карда мешаванд, ки онҳоро ба сифати асарҳои санъат дида баромадан мумкин бошад. Бо вуҷуди он, ки тафовут метавонад на ҳама вақт ба дараҷаи кофӣ возеҳ бошад, баъзе намунаҳои саноатӣ, ба монанди шакли маҳсулоти саноатӣ, гумон аст, ки бо ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда шаванд, дар вақте, ки дигарҳо, ба монанди расми нассоҷӣ, бисёр вақт ба ҳифозат бо ду намуди ҳифозат лоиқ ҳастанд.

**Хароҷот**

- Бақайдгирии намунаи саноатӣ дар мамлакатҳои ба шумо ҳавасангез, маънои пардохти боҷҳои муқарраршударо дорад. Ғайр аз ин, муфид аст, баъзан ҳатто зарур аст, ки  аз хизматрасониҳои намояндаи патентӣ, ки ба шумо дар тартиб додани ариза ёри мерасонад, истифода баред, ва ин хароҷотҳои иловагиро талаб мекунад.
- Агар онро ба назар гирем, ки бисёрии қонунҳои миллӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф иҷро шудани бақайдгирии давлатии асарҳои бо ҳуқуқи муаллиф ҳифзшавандаро талаб намекунанд, одатан, шумо барои ҳифозати бо ёрии ҳуқуқи муаллиф  кардашаванда, хароҷоти бевосита намекунед. Вале, хароҷотҳое, ки  вобаста бо (а) ба депозит гузоштани асар дар депозитарияи обектҳои ҳуқуқи муаллиф дар мамлакатҳое, ки ин пешбинӣ шудааст, ва бо (б) дар ҳолати сар задани баҳс, тасдиққунии дорои ҳуқуқҳои истисноӣ будан, шуда метавонанд, имкон доранд.

Ҷамъбаст  намуда истода, қайд кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди он, ки ҳифозате, ки бо ба қайд гирифтани намунаҳои саноатӣ ба даст оварда мешавад, хеле боэътимод аст, чунки вай ҳолати бе мақсади ғаразнок вайронкунии ҳуқуқро низ  дар бар мегирад ва додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгириро дар назар дорад (дар баъзе мамлакатҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон - патент), ки он дар ҳолати вайронкунии ҳуқуқҳо метавонад далели муҳим бошад, вай хароҷоти зиёдро талаб мекунад (молиявӣ ва маъмурӣ), чунки бо бақайдгирӣ алоқаманд аст ва дар муддати кӯтоҳтар амал менамояд. Одатан тавсия дода мешавад, ки дар ҳолати дилхоҳ ва, хусусан, агар намунаи саноатӣ ба қайд гирифта нашудааст, ҳар як коркардабароии намунаи саноатӣ сабт карда шавад. Мавҷудияти имзо ва сана дар ҳар як қайд, ва инчунин нигоҳдории муносиби онҳо дар  архив, дар ҳолати рӯй додани вайронкунии ҳуқуқҳо метавонад фоидаовар шавад. Мисол: дар рафти пурсиши дизайнерҳои матоъҳо, ки ба наздикӣ дар Британияи Кабир гузаронида шуд, 80 % респондентҳо гуфтанд, ки онҳо ҳама вақт ҳуҷҷатҳои ба намунаҳои саноатӣ дахлдорро ба қайд мегиранд ва аҳамияти онҳоро барои тасдиқи ҳуқуқи муаллифии худ мефаҳманд.

## Дар кадом ҳолатҳо намунаи саноатӣ бо қонун дар бораи тамғаҳои молӣ ҳифз карда мешавад?

Тамғаи молӣ ин нишонаест, ки хусусияти фарққкунонӣ дорад (одатан ин логотип ё пайвастшавии онҳо), ки барои фарқ намудани маҳсулоти як ширкат аз маҳсулоти ширкатҳои дигар истифода бурда мешавад. Ҳолатҳое ҳастанд, ки дар онҳо шакл, дизайн ё борбандии маҳсулотро ҳамчун хусусияти фарққкунонӣ дида баромадан мумкин аст ва он метавонад ба сифати тамғаи молӣ ҳифз карда шавад. Ҳамчун мисолҳо шишаи Кока-кола ё шакли секунҷаи тахтачаи шоколади «Toblerone» - ро овардан мумкин аст.




Toblerone® - тамғаи молии бо ширкати Kraft Foods Group© 1986 ба қайд гирифташуда

Барои муайян кардани он, ки намунаи саноатиро ҳамчун тамғаи молии ҳаҷмдор дида баромадан мумкин аст ё не, аз намояндаи патентӣ маслиҳат пурсидан тавсия дода мешавад.

Ҳифозат ба сифати тамғаи молӣ он афзалиятро дорад, ки онро бемаҳдуд дароз намудан мумкин аст, дар он вақте, ки ҳифозат ба сифати намунаи саноатӣ, одатан, дар давоми мӯҳлати маҳдуд (одатан 10 ё 25 сол) амал мекунад. Инчунин фарқиятҳо дар андозаи хароҷотҳои бо бақайдгирии тамғаи молӣ ё намунаи саноатӣ алоқаманд, мавҷуд буда метавонанд. . Вобаста аз системаи ҳуқуқӣ ҳар ду намуди ҳифозат бо ҳам вуҷуд дошта метавонанд.

## Оё намунаи саноатӣ бо қонун дар бораи рақобати беинсофона ҳифз карда мешавад?

Намунаҳои саноатӣ дар аксари мамлакатҳо бисёр вақт дар мувофиқат бо қонун дар бораи рақобати беинсофона ҳифз карда мешаванд. Ҳамин тариқ, намунаи саноатӣ аз амалҳои рақобати беинсофона, аз он ҷумла нусхабардорӣ ва амалҳое, ки метавонанд ба иштибоҳ оранд, амалҳои тақлидкунӣ ё истифодабарии ғайриқонунии шӯҳрати дигар ширкат аз тарафи шахсони сеюм, метавонад ҳифз шавад. Вале ҳифозате, ки мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи рақобати беинсофона дода мешавад, сусттар аст ва исботи фактҳои ҳуқуқвайронкунӣ хеле душвортар.

## Сомонаҳои судманд барои гирифтани иттилооти иловагӣ:

Доир ба дигар масъалаҳои моликияти зеҳнӣ аз нуқтаи назари таҷрибаи корӣ: www.wipo.int/sme/

Доир ба масъалаҳои бо намунаҳои саноатӣ алоқаманд: www.wipo.int/about-ip/en/

Дар хусуси ҷиҳатҳои амалии бақайдгирии намунаҳои саноатӣ, ниг. номгӯи веб-сомонаҳои идораҳои миллӣ ва минтақавии моликитяти зеҳнӣ, ки дар Замимаи I ё: www.wipo.int/news/en/links/ipo_web.htm. мавҷуд аст.

Дар хусуси созишномаи Гаага дар бораи ба депозит гузоштани намунаҳои саноатӣ: www.wipo.int/hague/en/

Дар хусуси созишномаи Локарнӣ дар бораи таъсиси Таснифоти байналмиллалии намунаҳои саноатӣ: www.wipo.int/hague/en/ ( дар мувофиқат бо созишномаи Локарнӣ)

Дар бораи арбитраж ва миёнаравӣ: http://arbiter.wipo.int/

# ЗАМИМА I Internet Addresses

## Суроғаҳои сомонаҳои идораҳои миллӣ ва минтақавии моликияти зеҳнӣ

| | |
|---|---|
| Австралия | www.ipaustrailia.gov.au |
| Австрия | www.patent.bmvit.gov.au |
| Албания | www.alpto.gov.al |
| Алҷазоир | www.inapi.org |
| Антигуа ва Барбуда | |
| Андорра | www.ompa.ad |
| Аморати мутаҳидаи Араб | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Арабистони Саудӣ | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Аргентина | www.inpi.gov.ar |
| Арманистон | www.armpatent.org |
| Африқои Ҷанубӣ | www.cipro.gov.za |
| Барбадос | www.caipo.org |
| Баҳрайн | www.gulf-patent-office.org.sa/bahrainframe.htm |
| Беларус | www.belgospatent.org/english/about/history.html |
| Белгия | www.mineco.fgov.be |
| Белиз | www.belipo.bz |
| Боливиё | www.senapi.gov.bo |
| Бенин | www.oapi.wipo.net |
| Бенилюкс | www.boip.int |
| Босния ва Ҳерсоговина | |
| Ботсван | www.aripo.org |
| Бразилиё | www.senapi.gov.bo |
| Британиёи Кабир | www.patent.gov.uk |
| Булғория | www.bpo.bg |
| Буркина-Фасо | www.oapi.wipo.net |
| Бурунди | www.oapi.wipo.net |
| Бутан | |
| Венгрия/Маҷористон | www.mszh.hu/english/index.html |
| Венесуэла | www.sapi.gov.ve |
| Ветнам | |
| Габон | www.oapi.wipo.net |
| Гамбия | www.aripo.org |
| Гана | www.aripo.org |
| Гондурас | |
| Гурҷистон | www.sakpatenti.org.ge |
| Дания | www.dkpto.dk |
| Замбия | www.aripo.org |
| Зеландияи Нав | www.iponz.govt.nz |
| Зимбабве | www.aripo.org |
| Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | www.uspto.gov |
| Издоил | www.justice.gov.il |
| Индонезия | www.dgip.go.id |
| Ирландия | www.patentsoffice.ie |
| Исландия | www.patent.is/focal/webguard.nsf/key2/indexeng.html |
| Испания | www.oepm.es |
| Иттиҳоди аврупоӣ | www.oami.eu.int |
| Итолиё | www.uibm.gov.it |
| Камбоҷа | www.moc.gov.kh |
| Камерун | www.oapi.wipo.net |
| Канада | www.opic.gc.ca |
| Катар | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Кения | www.aripo.org |
| Кипр | www.mcit.gov.cy/mcit/drcor/drcor.nsf |
| Колумбия | www.sic.gov.co |
| Коста-Рика | www.registronacional.go.cr |
| Куба | www.ocpi.cu |
| Қазоқистон | www.kazpatent.org/english |
| Қирғизистон | |
| Кувайт | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Латвия | www.lrpv.lv |
| Лесото | www.aripo.org |
| Либерия | |
| Литва | www.vpb.lt |
| Лихтенштейн | www.european-patent-office.org |
| Лубнон | www.economy.gov.lb |
| Люксембург | www.etat.lu/ec |
| Мадагаскар Малави | www.aripo.org |
| Мали | www.oapi.wipo.net |
| Малайзия | www.mipc.gov.my |
| Марокаш | www.ompic.org.ma |
| Мексико | www.impi.gob.mx |
| Миср | www.egypo.gov.eg |
| Мозамбик | www.aripo.org |
| Монако | www.european-patent-office.org/patlib/country/monaco |
| Монтенгеро | www.yupat.sv.gov.yu |
| Муҷулистон | |
| Намибия | www.aripo.org |
| Непал | www.ip.np.wipo.net |
| Нигер | www.oapi.wipo.net |
| Нидерланд | www.octrooicentrum.nl |
| Норвегия | www.patentstyret.no |
| Озарбойҷон | |
| Олмон | www.dpma.de |
| Панама | www.digerpi.gob.pa |
| Перу | www.indecopi.gob.pe |
| Полша/Лаҳистон | www.business.gov.pl/Intellectual,property,protection,90.html |
| Португалия | www.inpi.pt |
| Руминия | www.osim.ro |
| Салвадор | www.cnr.gobs.sv |
| Сан-Марино | |
| Сан-Томе ва Принсипӣ | |
| Свазиленд | www.aripo.org |
| Сент-Винсент ва Герандиҳо | 196.1.161.62/govt/cipo/index.asp |
| Сенегал | www.oapi.wipo.net |
| Сербия | www.yupat.sv.gov.yu |

| | |
|---|---|
| Серра-Леоне | www.aripo.org |
| Сингапур | www.ipos.gov.sg |
| Словения | www.uil-sipo.si/Default.htm |
| Собиқ Ҷумҳурии Югославия-Македония | www.ippo.gov.mk |
| Созмони моликияти зеҳнии Африқ | www.oapi.wipo.net |
| Созмони патентии авросиёӣ | www.eapo.org |
| Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ | www.oapi.wipo.net |
| Сомалӣ | www.aripo.org |
| Судон | www.aripo.org |
| Сурия | www.himaya.net |
| Таиланд | www.ipthailand.org |
| Танзания | www.aripo.org |
| Того | www.oapi.wipo.net |
| Тоҷикистон | www.tipat.org |
| Тринидад ва Тобаго | www.ipo.gov.tt/home.asp |
| Тунис | www.inorpi.ind.tn |
| Туркия | www.turkpatent.gov.tr |
| Туркманистон | www.eapo.org |
| Уганда | www.aripo.org |
| Узбекистон | www.patent.uz |
| Украина | www.sdip.gov.ua |
| Умон | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Уругвай | www.dnpi.gub.uy |
| Ӯрдун | www.mit.gov.jo |
| Фаронса | www.inpi.fr |
| Федератсияи Русия | www.rupto.ru |
| Филиппин | www.ipophil.gov.ph |
| Финляндия | www.prh.fi |
| Хорватия | www.dziv.hr |
| Ҳиндустон | www.ipindia.nic.in |
| Чад | www.oapi.wipo.net |
| Чили | www.dpi.cl |
| Чин | www.sipo.gov.cn |
| Ҷопон | www.jpo.go.jp |
| Ҷумҳурии Африқои маркази | www.oapi.wipo.net |
| Ҷумҳурии Демократии Конго | www.oapi.wipo.net |
| Ҷумҳурии Доминикан | |
| Ҷумҳурии Чехия | www.upv.cz |
| Йуміурии Исломии Эрон | |
| Ҷумҳурии Корея | www.kipo.go.kr |
| Ҷумҳурии Молдова | www.agepi.md |
| Ҷумҳурии Словакия | www.indprop.gov.sk |
| Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея | |
| Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос | www.stea.la.wipo.net |
| Ҷумҳурии Яман | www.most.org.ye |
| Шветсия/Суед | www.prv.se |
| Швейсария | www.ige.ch |
| Эстония www.epa.ee Юнон | www.obi.gr |
| Ямайка | www.jipo.gov.jm |





## ЗАМИМАИ II  Созишномаи Локарнӣ

### Таснифоти байналмиллалии намунаҳои саноатӣ мувофиқи созишномаи Локарнӣ

НОМГӮИ СИНФҲО

1. Маҳсулоти хӯрокӣ
2. Молҳои либос, чарчинворӣ
3. Лавозимоти сафар, ғилофҳо, чатрҳо ва молҳои истифодабарии шахсӣ, ба синфҳои дигар дохилнашуда
4. Маҳсулоти чӯткасозӣ
5. Маҳсулоти нассоҷии боандоза, маводи варақии сунъӣ ва табиӣ
6. Мебел
7. Асбоби рӯзгор, ба синфҳои дигар дохилнашуда
8. Ускунаҳо ва  маснуоти оҳангарӣ
9. Зарфҳо, борбандиҳо ва контейнерҳои барои ҳамлу нақл ё нигоҳдории молҳо истифодашаванда
10. Соат, дигар асбобу ускунаҳои ченкунӣ, назорат ва сигналдиҳӣ
11. Ороишот
12 Воситаҳои ҳамлу нақл ва дастгоҳҳои болобардорӣ
13. Таҷҳизоти ҳосилкунӣ, тақсимот ва табдилдиҳии нерӯи барқ
14. Таҷҳизот барои сабт, таҳвил ва коркарди иттилоот
15. Мошинҳои ба синфҳои дигар дохилнашуда
16. Аппаратҳои суратгирӣ ва синамогарӣ, асбобҳои оптикӣ
17. Асбобҳои мусиқӣ
18. Таҷҳизоти матбаа ва идоравӣ
19. Лавозимот ва афзори конселярӣ ва идоравӣ, мавод ва лавозимот барои эҷодиёти бадей ва таълим
20. Таҷҳизот барои савдо ва реклама, аломатҳои ишоратӣ
21. Бозиҳо, бозичаҳо, хаймаҳо ва молҳои варзиш
22. Яроқ, маҳсулоти тарфбозӣ, асбобу анҷом барои шикор ва моҳидорӣ, дастгоҳҳо барои несткунии ҳашаротҳои зараррасон
23. Таҷҳизот барои тақсимоти моеъҳо ва газҳо, таҷҳизоти санитарӣ, таҷҳизот барои гармкунӣ, шамолдиҳӣ ва кондитсионирони ҳаво, сӯзишвории сахт
24. Таҷҳизоти тиббӣ ва лабораторӣ
25. Маводи сохтмонӣ, конструктсияҳои сохтмонӣ ва унсурҳои онҳо
26. Асбобҳо ва дастгоҳҳои равшанкунанда
27. Маҳсулоти тамокукашӣ ва лавозимоти тамокукашӣ
28. Воситаҳои дорусозӣ ва косметикӣ, лавозимот ва асбобҳои машшотӣ
29. Дастгоҳҳо, таҷҳизот, асбобу анҷоми зидди сӯхтор, барои пешгирии фалокатҳо ё наҷотдиҳӣ.
30. Асбобу анҷом ва афзор барои парвариш ва нигоҳубини ҳайвонот
31. Мошинҳо ва афзор барои тайёркунии хӯрок ё нӯшокиҳо, ба синфҳои дигар дохилнашуда

99 Дигарҳо

## ЗАМИМАИ III –

### Давлатҳо-аъзоёни созишномаи Гаага дар бораи ба депозит гузоштани намунаҳои саноатӣ
(ҳолати июл 2011с.)

Албания
Арабистони Саудӣ
Армения
Белгия
Белиз
Бенин
Ботсван
Булғория
Венгрия/Маҷористон
Габон
Гана
Гурҷистон
Дания
Исландия
Испания
Итолиё
Итиҳоди аврупоӣ
Кот-д'Ивуар
Қирғизистон
Латвия
Литва
Лихтенштейн
Люксембург
Мали
Марокаш
Миср
Монако
Монтенгеро
Муғулистон
Намибия
Нигер
Нидерланд
Норвегия
Озарбойҷон
Олмон
Полша/Лаҳистон
Руанда
Руминия  Сан-Томе ва Принсипӣ
Сенегал
Сербия
Сингапур
Словения
Собиқ Ҷумҳурии Югославия-Македония
Созмони моликияти зеҳнии Африқо
Суринам
Тунис
Туркия
Умон
Украина
Фаронса
Финланд
Хорватия
Ҷумҳурии Халкии Демократии Корея
Ҷумҳурии Молдова
Швейсария
Эстония
Юнон

Китобчаи мазкур мумкин аст бо микдори нусхаи зарурӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи

734042, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, д.14-а.
телефон: 8 (99237) 221-47-60,
телефон/факс 8 (99237) 221-71-54,
почтаи электронӣ: info@ncpi.tj  дархост карда шавад.

Барои иттилооти оянда ба **Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ** муроҷиат намоед:

Суроға::
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Телефон:
+41 22 338 91 11

Факс:
+41 22 733 54 28

Почтаи электронӣ:
wipo.mail@wipo.int

Ва ё Бюро доир ба ҳамоҳангсозӣ дар Ню-Йорк:

Суроға:
2, United Nations Plaza
Suite 2525
New York, N.Y. 10017
United States of America

Телефон:
+1 212 963 6813

Факс:
+1 212 963 4801

Почтаи электронӣ:
wipo@un.org

Нигаред ба веб-саҳифаи СУМЗ:
www.wipo.int

инчунин мағозаи электронии Сумз: :
www.wipo.int/ebookshop

Ва ё дар Шӯъбаи МСП:

Суроға:
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Факс:
+41 22 338 87 60

Почтаи электронӣ:
sme@wipo.int

Web page:
www.wipo.int/sme

**Рақами нашри ММПИ** 254
.2011

Barbara Hintermann Geneva